DOI:10.26104/NNTIK.2019.45

НАУКА, НОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И ИННОВАЦИИ КЫРГЫЗСТАНА, № 12, 2020

*Асроров З.У., Файзалиев Д.*

# ТАЖИКСТАН РЕСПУБЛИКАСЫНЫН ХАТЛОН ОБЛУСУНУН АГРОӨНӨР ЖАЙ КОМПЛЕКСИНИН ИМПОРТТУ АЛМАШТЫРУУЧУ ТОВАРЛАРЫН ӨНДҮРҮҮ

*Асроров З.У., Файзалиев Д.*

# ИСТЕҲСОЛИ МОЛҲОИ ВОРИДОТИВАЗКУНАНДАИ КАС ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Асроров З.У., Файзалиев Д.*

# ПРОИЗВОДСТВО ИМПОРТОЗАМЕЩАЮЩИХ ТОВАРОВ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*Z.U. Asrorov, D. Faizaliev*

# PRODUCTION OF IMPORT-SUBSTITUTING AGRICULTURAL GOODS IN THE KHATLON REGION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

*УДК: 347.8.*

*Бул макалада Тажикстан Республикасынын Хатлон облусунда агроөнөр жай комплексинин импортту алмаштыруучу товарларды өндүрүүнүн абалы каралат. Авторлордун көз карашы боюнча, азыркы учурда тамак-аш азыктарын жогорулатуу импорттук товарлардын үлүшү боюнча. Авторлор ата-мекендик айыл чарба продукциясын өндүрүүнү жогорулатып жана импорттук товарларга болгон көзкарандылыкты азайтуу керектигин баса белгилешти. Мында эл аралык стандарттын талаптарына жооп берген товарларды чыгаруу жана эл аралык азыктүлүк товарларын эл аралык рынокто белгилүү бир орунду ээлөө зарыл.*

***Негизги сөздөр:** импортту алмаштыруу, өндүрүш, азык-түлүк, айыл чарба продукциясы, импорт, экспорт, товар, көз карандылык, рынок.*

*В данной статье рассматривается проблема состояния производства импортозамещающих товаров АПК в Хатлонской области Республики Таджикистан. На взгляд авторов, в настоящее время большее количество продуктов питания приходиться на долю импортных товаров. Авторы подчеркивают, что необходимо увеличит производства отечественной сельхозпродукции и уменьшить зависимость от импортных товаров. При этом производить товаров отвечающих требованиям международного стандарта и занимать определенную нишу в международном рынке продовольственных товаров.*

***Ключевые слова**: импортозамещение, производство, продовольствие, сельхозпродукция, импорт, экспорт, товар, зависимость, рынок.*

*This article examines the problem of the state of production of import-substituting agricultural goods in the Khatlon region of the Republic of Tajikistan. In the opinion of the authors, at present, more food products are accounted for by imported goods. The authors emphasize that it is necessary to increase the production of domestic agricultural products and reduce the dependence on imported goods. At the same time, to produce goods that meet the requirements of international standards and occupy a certain niche in the international food market.*

***Key words:** import substitution, production, food, agricultural products, import, export, commodity, dependence, market.*

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Аммо агар бо гузашта назар афканем, пас гуфтан мумкин аст, ки оғози истиқлолияти иқтисодӣ хеле мушкил буд. Сабаби он ҷанги шаҳрвандӣ гашт. Он рушди ҷумҳуриро шаш сол ба қафо партофт, баътар якчанд сол марҳилаи барқарорсозӣ давом кард. То истиқлосият дар ҷумҳурӣ 480 корхонаи саноати ҳозиразамон фаъолият мекард. Илова бар ин, як қисми онҳо барои содирот маҳсулот истеҳсол мекарданд. Аммо дар давраи низоъ дар оғози солҳои 90 уми асри XX қариб 400 корхона ё барҳам хӯрд, ё фаъолияти худро қатъ намуд.

Барқарорсозии иқтидори саноат баъд аз ба имзо расидани Созишнома дар бораи сулҳ ва ваҳдати миллӣ (1997) оғоз ёфт. Саъю кӯшиши Тоҷикистонро дар эҳёи саноати мамлакатҳои ба мо дӯст-Россия ва Чин дасгири карданд. Созмонҳои донори байналмилалӣ низ кӯмак мерасониданд. Объектҳои хӯрокворӣ

DOI:10.26104/NNTIK.2019.45



ва коркарди саноат сохта шудаанд. Бинобар рушди истеҳсолоти Тоҷикистон масъалаи ҷустуҷӯи бозори фуруш ба вуҷуд меояд. Рушди содирот бо ҳалли проблемаи нақлиёт имкон дорад. Ҳоло ҳукумати мо дар ин самт фаъолият дорад. Аз ҷумла, лоиҳаҳои сохтмони роҳҳои оҳан ба мамлакатҳои ҳамсоя таҳия мегарданд. Бо татбиқи онҳо умеду орзуи афзоиши нишондиҳандаҳои содироти маҳсулоти корхонаҳои мо ба бозори мамлакатҳои хориҷӣ алоқаманданд. Соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ қувваҳои пешбарандаи иқтисодиёди мамлакат мебошанд.

Мо бояд ҳосилхезии заминро баланд бардорем. Баъд аз ба даст овардани истқклолият истеҳсоли ғалладонаҳо то 28-30 сентнер аз як гектар расонида шуд. Афзоиши минбаъдаи нишондиҳандаҳо зимни фаъолияти якҷояи кишоварзон ва олимон имкон дорад. Аммо, мутаассифона, илм дар мамлакати мо ҳоло ба сатҳи илми Аврупо нарасидааст. Масалан, дар Аврупо ҳосилнокии гандум аз як гектар 80-120 сентнерро ташкил медиҳад.

Мушкилот боз дар он аст, ки мо ҳоло барои содирот хеле кам маҳсулот истеҳсол мекунем. Пештар дар як сол дар вилояти Хатлон то 520 ҳазор тонна пахта истеҳсол ва аз он 150-180 ҳазор тонна пахтаи маҳиннах гирифта ва дар бозори хориҷӣ фурӯхта мешуд. Ҳоло мо истеҳсоли пахтаро хело кам кардем. Дар ин самт бояд фаъолият намуд ва на танҳо пахта, балки молҳои дигареро, ки дар хориҷа талабот ба он калон аст, бояд истеҳсол кард. Афзоиши воридот бо он дарк мегардад, ки сатҳи ҳаёти одамон дар давоми 10-15 соли охир хеле беҳтар шуд. Дар одамон талабот ба автомобил, либоси воридотӣ, молҳои хоҷагии хонагӣ афзуд. Истехсолоти ватанӣ ҳоло ин талаботро қонеъ гардонида наметавонад, бинобар ин воридот меафзояд. Ин хуб нест, чунки мамлакат ба фоидаи истеҳсолкунандаи хориҷи кор мекунад. Мо бояд кушиш ба харҷ диҳем то ки нишондиҳандаҳо аз руи воридот ва содирот ба ҳамдигар наздик шаванд. Барои ин истеҳсолотро афзуданд ва ҷустуҷӯи бозорҳои фурӯши маҳсулот, аз ҷумла молҳои кишоварзӣ, зарур аст.

Ҳоло дар соҳаи саноати хуроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар истеҳсоли маҳсулоти ватании рақобатнопазир вобастагии калони воридоти маҳсулоти ашёи хом ва тайёр, ки вазъи қувваҳоро дар бозори дохилии озуқаворӣ муайян намуд, мушоҳида мегардад.

*Ҷадвали №1*

**Содирот ва воридоти масулоти асосии ғизо ва ҳисаи онҳо дар ҷамъи умумии савдои вилояти Хатлон дар солҳои 2018 – 2019 Тон.**

| | Содирот | | 2019 нисбати 2018 бо % | Воридот | | 2019 нисбати 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | | 2018 | 2019 | |
| Гандум | - | - | - | 553,1 | 10672 | 19 бар |
| Орд | - | 60 | - | 128,0 | 1412,9 | 11бар |
| Равгани растанӣ | - | - | - | 184,6 | 106,3 | 57,6 |
| Шир ва маҳсулоти шири | - | - | - | - | - | - |
| Тухм ҳаз. дона | - | - | - | 1858,8 | 857,5 | 46,1 |
| Картошка | - | - | - | - | 347,0 | - |
| Сабзавот | 15275,4 | 28386,9 | 185,8 | 520 | 410 | 78,8 |
| Меваҷот | 4000,0 | 6760,0 | 168,8 | 18755 | 32345 | 172,5 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи вилояти Хатлон 2014-2019. Бохтар, 2019. - С. 18-20.

Таносуби байни содирот ва воридоти озуқаворӣ дар ҳар як мамлакат аз сатҳи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вобастаast. Тибқи маълумотҳои дар ҷадвали №1 овардашуда, ин сатҳ имкониятҳои таъмини озуқавории мамлакатро тавассути истеҳсоли ватанӣ ва воридотӣ муқаррар менамояд, инчунин дараҷаи амнияти озуқавории онро муайян месозад.

Воридотивазкуни тавасути маҳсулот ва барориши молҳои мушобеҳ дар мамлакат, чун ҷараёни камкунӣ ё қатъи воридоти молҳои муайян яке аз қисмҳои таркибии танзими давлатии тиҷорати хориҷӣ ва асбоби танзими амнияти озуқавории миллӣ мебошад. Чорабиниҳои мазкур, чун қоида, ба дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва маҳдудсозии воридот равонаанд. Ин чора хусусан дар шароити тағйироти харобиовари иқтисодӣ, пасту баландшавии асъори миллӣ ва ғайра хеле муҳим ҳисоб меёбад.

Агар нишондиҳандаҳои солҳои 2015 ва 2019 – ро муқоиса кунем, пас мебинем, ки дар соли 2019 маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла ғалладонаҳо 11,6%, сабзавот 13,0%, полезӣ 12,7, меваҷот 11,6%, ангур 12,8% гушт 14,4%, шир 11,8% ва тухм 11,5% зиёдтар

DOI:10.26104/NNTIK.2019.45



истеҳсол карда шуд. Ин ба баланд бардоштани сатҳи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад.

Ҳамзамон, дар давоми 29 соли истиқлолияти ҷумҳурӣ истеҳсоли ғалла 4,6 маротиба, картошка 4,9 маротиба, сабзавот 2,7 маротиба, полезӣ 3,4 маротиба, мевагӣ 1,7 маротиба, гушт 1,4 маротиба, шир 1,5 маротиба афзуд ва ин вазъи таъмини аҳолиро бо маҳсулоти кишоварзӣ беҳтар гардонд.

Аз рӯи вазъи соли 2019 дар тамоми шаклҳои хоҷагидории вилоят 991271 сар чорвои калони шохдор, аз ҷумла 503968 гов, 2324777 сар гусфанд ва буз, 58590 асп ва 2034890 паранда ба ҳиосб гирифта шудааст. Ҳамин тариқ, соли 2019 155856 тонна гушти моҳӣ ва 85,3 млн. дона тухм истеҳсол карда шуд.

Дар давоми панҷ соли охир саршумори чорвои калони шохдор дар вилояти Хатлон 133381 сар афзуд, аз онҳо гов – 65192 сар, гӯсфанд ва буз – 311555 сар, паранда – 416778 сар, асп – 2462 сар. Дар давоми и панҷ сол истеҳсоли гӯшт 52197 тонна, шир 90881 тонна, пашм 843 тонна, асал 97,4 тонна ва тухм 146182 хаз. дона афзуд.

*Ҷадвали №2*

**Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ба сари аҳолӣ дар вилояти Хатлон (С. 2015-2019).**

| Намуди маҳсулот | Солҳо | | | | | Соли 2019 нисбати соли 2015 бо %. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Гушт, т. | 38,3 | 40,2 | 43,0 | 45,1 | 46,5 | 121,4 |
| Шир, т. | 141,7 | 143,0 | 146,1 | 148,7 | 149,5 | 105,5 |
| Тухм, дона | 21,2 | 22,1 | 23,5 | 24,0 | 25,4 | 119,8 |

***Манбаъ:*** Маҷмӯи ҳисоботҳои раёсати кишоварзӣ дар вилояти Хатлон. Бохтар. 2019. - С. 72.

Маълумотҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки истеҳсоли аксари намудҳои маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2015-2019 ба сари аҳолии вилояти баррасишаванда хеле афзудааст. Масалан, дар солҳои номбаршуда истеҳсоли гушт ба сари аҳолӣ 21,4%, шир 20,5 % ва тухм 19,8% афзоиш ёфт.

Бо мақсади афзоиш додани истеҳсоли маҳсулот ва баланд бардоштани самаранокии чорводорӣ ва инчунин шир ва гушти чорвои калони шохдор дар асоси мустаҳкамсозии ҳаматарафаи базаи хуроки чорво бояд диққати калон дод.

Бо мақсади зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли кишоварзӣ барномаи сохторбандии майдонҳои кишт барои соли 2019, ки тибқи он кишти тирамоҳӣ дар 421837 га ва аз онҳо дар 188262 га барои зироати ғалладона ва 132944 га барои зироатҳои техникӣ, 12475 га барои полезӣ ва 37879 га барои хуроки чорво ҷудо карда шудааст.

Барои таъмин кардани истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда ва ҷамъоварии ду ва се ҳосил аз як қитъаи замин гузаронидани кишти такрори дар 97082 га заминро бояд дар назар дошт ва барои амалигардонии он чораҳои зарурӣ бояд андешид.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, соли 2019 дар тамоми шаклҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар маҷмӯъ 222943 тонна картошка истеҳсол карданд, ки дар қиёс бо соли 2019 6403 тонна зиёд мебошад. Соли 2019 нархи 1 кг картошка дар давраи ҳосилғундорӣ дар майдонҳо 1,20-1,50 сомонӣ буд яъне ин воқеан арзиши аслии картошкаи истеҳсолшаванда мебошад. Баъдан, ба арзиши картошка ба шакли арзиши иловагии маҳсулот фоидаи заминдор ва мувофиқаи фоидаи миёнаравҳо илова мегардад. Мушкилоти нигоҳдории маҳсулот мавҷуд аст ва вобаста ба шаклҳои нигоҳдорӣ фоизи талафи ҳосили картошка дар як моҳ 0,8-11,0% - ро ташкил медиҳад ва мувофиқан, арзиши талафот ба арзиши маҳсулоти ба истеъмолкунандагон пешниҳодшаванда илова мегардад, яъне нархи картошка боло меравад. Ҳамзамон, бинобар боришоти зиёди барф дар фасли зимистон дар ноҳияҳои картошка истеҳсолкунанда нархи расонидани картошка ба истеъмолкунанда 2-3 маротиба афзуд ва дар арзиши иловагии мол инъикос ёфт.

Илова бар ин, дар даврае, ки нархи картошка нисбатан арзон буд, як қисми картошкаи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшуда ҳам расман, ҳам ба таври ғайрирасмӣ ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя кашонида содирот шуд, ки он ба афзоиши талабот ба ин маҳсулот дар бозори дохили оварда расонид. Ҳувияти кории соҳибкорони мо чунинаст, ки зимни эҳтиёҷот нархро баланд карда, дар ҳамон сатҳ нигоҳ медоранд. Барои бартарафсозии тамоми монеаҳои зикршуда шахсони масъули соҳа чораҳои мушаххас меандешанд, ки аз онҳо иҷрои қарорҳои мувофиқи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкили нигоҳдории картошка барои қонеъгардонии талаботи аҳолӣ дар фаслҳои зимистон

DOI:10.26104/NNTIK.2019.45



ва баҳор асосӣ мебошад.

Дар содироти маҳсулоти кишоварзӣ ҷараёни коркарди маҳсулот нақши калон мебозад. Талабот ба маҳсулоти коркардшуда мунтазам меафзояд. Қисми асосии маҳсулоти кишоварзии мо бо шакли ашёи хом ба фурӯш меравад ва танҳо 25%-ро маҳсулоте ташкил медиҳад, ки коркард шудааст. Муқаррарсозии алоқа байни истеҳсолкунандагон, корхонаҳои коркардкунанда ва содиркунандагони маҳсулот ба афзоиш додани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад. Бо рушди соҳаи кишоварзӣ сатҳи бозорҳои истеъмолии мамлакат бо маҳсулоти ватанӣ баланд мегардад ва ҳамзамон содироти маҳсулот ба хориҷи кишвар меафзояд. Соли 2018 аз ҳудуди вилоят 192,7 ҳаз. тонна сабзавот, 4000 тонна меваҷот ва соли 2019 283,8 ҳаз. тонна сабзавот, 676,0 ҳаз. тонна меваҷот, 60 тонна орд содирот шудааст.

Дар мамлакатҳои хориҷӣ асосан ба меваҳои тару тоза (лимон, ангур, гелос, абрикос, олу) хушкмеваҳо, сабзавот, аз ҷумла пиёз, сирпиёз ва кабудӣ диққат медиҳанд. Маҳсулоти кишоварзии мо ба Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон, Афғонистон, Чин, Россия, Эрон, Турсия, Ироқ инчунин ба мамлакатҳои дигар низ содир мегардад.

Тибқи талаботи байналмилалӣ, 80% таъмин намудани бозори мамлакат бо маҳсулоти дохилӣ меъёр ҳисобида мешавад. Агар давлат бо маҳсулоти дохилии хӯрокворӣ 80% таъмин бошад, пас дар мамлакат мушкилоте, ки бо озуқаворӣ алоқаманд аст, мавҷуд нест. Дар ҳолати пасттар будани ин рақам баъзе проблемаҳо ба вуҷуд меоянд. Аммо агар давлат 100% бо маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли дохилӣ таъмин бошад, пас ин маънои онро дорад, ки мамлакат бо сатҳи худкифояги озуқаворӣ расидааст. Мо бо маҳсулости растанипарварӣ ба андозаи 40-50% ва бо маҳсулоти чорводорӣ ба андозаи 20-25% таъмин ҳастем. Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки мушкилоте мавҷуданд ва аз болои онҳо бояд кор кард.

Дар соҳаи кишоварзии мамлакат қариб 3/4 ҳиссаи аҳоли шуғул меварзанд. Ҳамзамон, дар сохтори МУД маҳсулоти кишоварзӣ 22%-ро ташкил медиҳад. Яъне, ин соҳа такмилро талаб мекунанд. Мо чунин имкониятҳоро дорем. Масалан, сарбории кишт ба як шахс дар Россия ба 0,89 га замин, дар Чин ба 0,12 га ва дар Тоҷикистон ба 0,06 га баробар аст. Илова бар ин, ҳамасола ин рақам кам мегардад. Дар ин манзар аҳолӣ ҳар сол 2-2,5% зиёд мешавад, яъне афзоиш қариб 200 ҳазор одамро дар як сол ташкил медиҳад. Аз рӯи пешгӯиҳо соли 2025 теъдоди аҳолии ҷумҳурӣ то 11 млн нафар мерасад. Аммо афзоиши соҳаи кишоварзӣ бо афзоиши аҳоли рост намеояд. Бинобар ин, мо аз усулҳои маҳсулноки пешбурди хоҷагидорӣ бояд истофода барем. Агар маҳсулнокии киштзорро афзун нагардонем, масъалаи амнияти озуқавориро ҳал карда наметавонем. Мо шароити мусоиди табиӣ дорем, бинобар ин аз техналогияҳои инноватсионӣ бояд истифода барем.

**Адабиёттер:**


1. Бақоев Ш.С. / Асосҳои назарияи лоиҳаҳои сармоягузори дар шароити имрӯза/ Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ).- Қурғонтеппа 2017.- №1/4 (49).
2. Исоматов Б. Тоҷикистон имконияти калони иқтисодӣ дорад ва амали кардани онҳо заруаст. Маҷалаи илмии Иқтисодчӣ №8 Душанбе, 2017. - С. 38.
3. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. Монография. - Душанбе, 2006. - С. 145.
4. Маҷмӯи ҳисоботҳои Раёсати кишоварзӣ дар Вилояти Хатлон. - Бохтар, 2019. - С. 72.
5. Омори солонаи вилояти Хатлон 2014-2019. - Бохтар, 2019. - С. 18-20.
6. Саидмуродов Ш.М. Некоторые проблемы развития страховых рынков в Республике Таджикистан. / Вестник Таджикского национального университета (научный журнал), Серия экономических наук. - Душанбе, 2014. Вып. 2/5. (141).
7. Саидова Ҷ. Барои таъмини озуқаворӣ соҳаи кишоварзиро дастгири мебояд. Иқтисодчӣ №8. - Душанбе, 2017. - С. 41.
8. Турсунов Р.Р. /Роль промышленной инфраструктуры в урегулировании конъюнктуры рынка труда в Республике Таджикистан/ Экономика и управление: проблемы и решения. Москва, издательство Дом печати, №2 том, 2 апрель 2019.